«Тасдиқ менамоям»

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, номзади илмҳои таърих, дотсент _____Набизода М.С.

«____» ____12_____соли 2025

ХУЛОСАИ
муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Рисолаи номзадӣ дар мавзӯи **«Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилотӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд» («Особенности методики преподавания информационных технологий в 7-х классах средних общеобразовательных учреждений Согдийской области»)** дар кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии факултети математикаи муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” анҷом ёфтааст.

Норбобоев Маъруфҷон Олимович соли 2012 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси информатика ҳатм намудааст.

Дар марҳилаи омодасозии рисола унвончӯ Норбобоев Маъруфҷон Олимович ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии информатикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолият дошт.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои забони англисӣ ва таърихи фалсафа ва илм соли 2018 дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва аз рӯи ихтисос соли 2025 дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” супорида шудааст.

Роҳбари илмӣ – Исломов Озод Азимович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими факултети санъати тасвирӣ ва технологияи МДТ

“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи пешакӣ ба рисолаи номзадии Норбобоев Маъруфҷон Олимович дар мавзӯи **«Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилотӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд»** чунин хулоса бароварда шуд:

Мубрами мавзӯи таҳқиқоти дар зарурати роҳандозии омӯзиши технологияҳои муосир дар таълими хонандагон, гузариш аз низоми анъанавӣ ба муносибатҳои нави таълимӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъкидҳои Пешвои миллат оид ба омода намудани мутахассисони рақобатпазир дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ зоҳир мегардад.

Дар ин замина, таҳқиқи мубрамияти мавзуъ ба зарурати таҳия ва татбиқи моделҳои инноватсионии таълим, ки ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо ва ҳамкории онлайн нигаронида шудаанд, ишора мекунад. Истифодаи технологияҳои муосир дар таълим имкон медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар, фардикунонидашуда ва самараноктар гардад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Норбобоев Маъруфҷон Олимович фарогири як қисми барномаи илмӣ–таҳқиқотиест, ки аз тарафи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионӣ таҳия гардидааст.

Соҳаҳои таҳқиқоти рисолаи номзадӣ ба талаботҳои таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – «Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)» мувофиқ мебошанд:

банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими информатика рушди хонандаро таъмин менамоянд;

– *банди 20.* Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ;

– *банди 27.* Назария ва амалияи коркарди муҳити иттилоотӣ дар идоракунии раванди таълим дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– *банди 29.* Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим ва тарбия аз информатика дар шароити муосири ҷомеаи иттилоотӣ ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ;

– *банди 37.* Омодасозии кадрҳои педагогӣ дар соҳаи информатикунонии таълим.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, педагогӣ-психологӣ ва методӣ таҳия гардида, дар асоси омӯзиш, таҳлил ва хулосабардорӣ аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корбаст гардидааст.

Дар рисолаи мазкур қоидаҳои асосӣ, хулосаву таклифу пешниҳодҳо тартиб дода шудаанд. Мақсади тадқиқот, метод, шакл ва воситаҳои амалишавии онҳо аз вазифаҳое, ки ҷамъияти муосир дар назди кормандони соҳаи маориф гузоштааст, сарчашма мегиранд.

Мавзӯи тадқиқот, ки ҳисоби сифативу миқдории системанокро талаб менамояд, ба муаллифи рисола имконият фароҳам овардааст, ки фарзияи тадқиқот тасдиқ гардида, пешниҳодҳои илмии дар рисола нишондодашуда аз ҷиҳати илмӣ бо таҳлили чуқуру амиқ асоснок карда шаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот:

– усулҳое, ки ба рушди тафаккури хонандагони синфи 7-ум дар МТМУ мусоидат мекунанд, дарёфт карда шудаанд;

– консепсияи таълими технологияҳои иттилоотӣ барои синфи 7 тарҳрезӣ шудааст;

– озмоиши воситаҳои педагогӣ бо мақсади исботи самаранокии истифодаи равиши таҳияшуда ҷиҳати баланд бардоштани саводи иттилоотии

хонандагони синфи 7-ум ташкил ва баргузор шуда, самаранокии истифодаи онҳо собит карда шудааст.

- имконпазир будани марҳилаи пропедевтикии (курси омодасозии) таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои 7-уми МТМУ асоснок гардонида шудааст, ки ба нуқтаи назари объектӣ-иттилоотӣ такя менамояд;

- усули таълиме коркард гардидааст, ки он барои рушди саводнокии иттилоотӣ, воситаҳои тафаккури мантиқиву сатҳи низомнокии фаъолияти хонандагон мусоидат менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот асоснок кардани инкишофи бахшҳои асосии мундариҷаи таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои 7-уми МТМУ аз рӯйи солҳои таҳсил, баёни дақиқи мафҳумҳои «асбобҳои иттилоотӣ», «саводнокии иттилоотӣ» мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои илмӣ то истифодаи густурдаи амалӣ расонида шуд:

– дар ташкили таълими технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд;

– ҳангоми коркарди барномаҳои таълим барои дарсҳои маърузавию амалӣ оид ба методикаи таълим дар синфҳои 7-уми МТМУ бо омӯзгорони технологияҳои иттилоотии мактабҳои вилояти Суғд;

– ҳангоми коркарди маводи таълим, дастурҳо оид ба технологияҳои иттилоотӣ барои хонандагон ва омӯзгорони МТМУ.

Аз санҷишгузаронӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди баррасӣ дар семинар-практикумҳои омӯзгорони МТМУ ва технологияҳои иттилоотӣ амалӣ гардид. Методика дар амалияи кори бештар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд дар маҷмӯъ, дар параллелҳои синфҳои 7-ум татбиқ шуд.

Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия. Аз санҷишгузаронӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди баррасӣ дар семинар-практикумҳои омӯзгорони синфҳои 7-ум ва технологияҳои иттилоотӣ амалӣ гардид.

Таҷриба дар амалияи кори дар мактабҳои миёнаи умуммии вилояти Суғд дар синфҳои 7-ум татбиқ карда шуд.

1) Истифода равишҳои мувофиқ дар таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ ба марҳилаҳои ояндаи таҳсил заминаи мустаҳкам мегузорад.
2) Тарзи таълими технологияҳои иттилоотӣ барои хонандагони синфи 7, ки аз дидгоҳи объектӣ-иттилоотӣ сохта шудааст, ба рушди ҷанбаи мантиқии тафаккур ва усулҳои муҳими таҳлил, ҷудокунӣ ва муайян кардани сохтори иерархии объектҳо (маводҳо, равандҳо), инчунин ҷамъбаст, бо қайди натиҷаҳои ин амалиёти мантиқӣ дар шакли нақшаҳо, ҷадвалҳо ва матни таҳияшуда нигаронида шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотии хонандагон мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, барои зинаҳои минбаъдаи омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои миёна асос мегузорад.
3) Маҷмӯаи таълимӣ-методии "Технологияҳои иттилоотӣ тавассути бозиҳо ва масъалаҳо" курси омодасозии "Ташаккул ва амсиласозӣ"-ро дар таълими технологияҳои иттилоотӣ, ки аз мавқеи объектӣ-иттилоотӣ коркард гардидааст, таъмин менамояд.

2. ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

а) Дастури таълимие, ки Вазорати маориф ва илми ҶТ ва МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров тавсия ва чоп расидааст:

[1-М]. *Норбобоев М.О.* Технологияи иттилоотӣ. Дастури таълими методӣ [Матн] / Аҳмедов Ҳ.М., Юсупова Ф.А., Тӯйчиев А.М., Шерматов Ҷ.А., Ишанова С.Р.- Хуҷанд: «Нури маърифат», 2020.-268с.

б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[2-М]. *Норбобоев М.О.* Роҳҳои истифодаи технологияҳои ахбор дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. -2018.- №4(57) С. 232-235.

[3-М]. *Норбобоев М.О.* Доир ба масъалаи инкишофи маҳорати графикӣ дар раванди таълими графикаи компютерӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев //

Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. - 2019.- №1(58)-С. 149-152.

[4-М]. *Норбобоев М.О.* Заминаҳои таълими технологияи иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев, О.А. Исломов // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.- 2019.- №3(58) - С. 157-162.

[5-М]. *Норбобоев М.О.* Истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар таълим. [Матн] / М.О. Норбобоев. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - 2020.-№3(3) - С. 234-239.

[6-М]. *Норбобоев М.О.* Методикаи таълими технологияи иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ. [Матн] / *М.О. Норбобоев* // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. - 2021.- №3(68)-С. 219-224.

[7-М]. *Норбобоев М.О.* Усулҳои муосири таълимии технологияи иттилоотӣ дар раванди таълими омехта [Матн] / *М.О. Норбобоев,М.И. Исмоилова* // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. - 2022.- №1(70)-С. 235-241.

[8-М]. Норбобоев М.О. Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилоотӣ дар мтму [Матн] /М.О. Норбобоев// Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. - 2023.- №4(77)- С. 195-199.

[9-М]. Норбобоев М.О. Хусусиятҳо ва шаклҳои методикаи таълими технологияи иттилоотӣ ва истифодаи онҳо дар синфҳои 7-ум [Матн] /М.О. Норбобоев , О.А. Исломов// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2023.- №3(113) Том 2- С. 170-173.

в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба таъб расидаанд:

[10-М]. *Норбобоев М.О.* Ҳалли тақрибии муодилаҳои трансендентӣ бо методи ба нисфтақсимкунӣ дар муҳити MS Excel [Матн] // М.О. Норбобоев, Б.Ё. Дадоҷонов, А.М. Туйчиев // Маводҳои конференсияи байналхалқии илмии «Муаммоҳои муосири математика ва таълими он» бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии олимони математика А.Мӯҳсинов, А.Б.Нозимов, С. Байзаев, Д.М. Осимова, Қ. Тухлиев. Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд. 2014 2(29)_2 - 62-65с.

[11-М]. *Норбобоев М.О.* Муносибати салоҳиятнок ҳангоми истифодаи технологияҳои ахбор дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев // Армуғони омӯзгорони ҷавон. Маводи иштирокдорони озмӯни «Муаллими сол-2017» бахшида ба соли ҷавонон ва 85 солагии ДДХ ба номи ак. Б. Ғафуров. - Хуҷанд-2018 «Нури маърифат».- 144-148 с.

[12-М]. *Норбобоев М.О.* Ташаккули салоҳияти математикӣ дар хонандагон. [Матн] / М.О. Норбобоев, Ҷ.А. Абдулакимова, Юсупова Ф.А. // Конференияи илмӣ-амалии минтақавии «Муаммоҳои муосири компютеркунонии раванди таълими математика ва технологияиҳои иттилоотӣ» бахшида ба 25-солоагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 85-солагии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ва факултети математика. - Хуҷанд -2017.- «Нури маърифат».- 19-21 с.

[13-М]. *Норбобоев М.О.* Масъалаи барномаи иттилоотгардонӣ ва инкишофи маҳорати графикӣ (дар раванди таълими графикаи компютерӣ). [Матн] / М.О. Норбобоев // Хуҷанд -2020 Раҳнамои омӯзгор №2 (2)- «Нури маърифат».- 99-1002 с.

[14-М]. *Норбобоев М.О.* Консепсияи таълими информатика дар мактаби ибтидоӣ бо назардошти муносибатҳои объективии иттилоотӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев, О.А. Исломов, М.И. Ҳасанова // Муаммоҳои муосири раванди таълими математика ва технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ Маводҳои коеференсияи илмӣ-амалии вилоятӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Хуҷанд-2019 «Нури маърифат». 232-235 с.

[15-М]. *Норбобоев М.О.* Роҷеъ ба таълими фанни информатика дар мактаби ибтидоӣ хусусиятихои он. [Матн] / М.О. Норбобоев, М.И. Ҳасанова // Раҳоварди олимони ҷавон. “Нури маърифат”, Хуҷанд-2021 164-170с.

[16-М]. *Норбобоев М.О.* Таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва хусусиятҳои он. [Матн] / М.О. Норбобоев, М.Ғ.Аҳмадбекова, М.И. Ҳасанова // Раҳнамои омӯзгор №3 (3). Маҷмӯаи мақолахои профессорону омӯзгорони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”. “Нури маърифат” Хуҷанд-2021 70-76с.

[17-М]. *Норбобоев М.О.* Технологияҳои иттилоотӣ дар омӯзиши омори математикӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев, Х.М. Шамсидинов, Ҷ.А. Шерматов // Маводи конфронси илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот (қисми I) ҶДММ “МТХ-Даврон” Хуҷанд-2021 223-228с.

[18-М]. *Норбобоев М.О.* Методҳо ва шаклҳои таълими информатика дар синфҳои ибтидоӣ. [Матн] / М.О. Норбобоев, Ҷ.А. Шерматов // Маводи конференсияи илмӣ – амалии Ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муосири математикаи татбиқӣ ва нақши он дар тавсеаи тафаккури техникии ҷомеа» “Нури маърифат” Хуҷанд-2021 242-246с.

[19-М]. *Норбобоев М.О.* Анализ опыта универсализации методов обучения [Матн] /М.О. Норбобоев, И.У.Икромова, М.Ғ.Аҳмадбекова// Конференсияи илмӣ - амалии Ҷумҳуриявӣ хамгироии фанхои геометро – графикӣ, дақиқ ва техникӣ дар омодасозии мухандисон

бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти авлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Бӯстон-2021, С: 39-41

[20-М]. *Норбобоев М.О.* Преимущества дистанционного обучения [Матн] /М.О. Норбобоев, Ф.А.Юсупова, М.Ғ.Аҳмадбекова, Ҷ.А.Шерматов// Маводи конференсияи илмӣ – амалии Ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муосири математикаи татбиқӣ ва нақши он дар тавсеаи тафаккури техникии ҷомеа»"Нури маърифат" Хуҷанд-2021 С: 211-213

[21-М]. *Норбобоев М.О.* Арзёбии таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба раванди идоракунии соҳаҳои гуногун [Матн] /М.О. Норбобоев, Г.М.Каримова, М.И. Ҳасанова// Конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ "Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар". Душанбе, 2022

[22-М]. *Норбобоев М.О.* Истифодабарии технологияҳои иттилоотии ҳозира замон дар дарсҳои математика. [Матн] /М.О. Норбобоев, Ҷ.А.Шерматов// Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» Бӯстон-2022

[23-М]. *Норбобоев М.О.* Использование информационных технологий в образовании [Матн] / М.О. Норбобоев, Х.М. Шамсидинов Ҷ.А.Шерматов// маводҳои конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ «муаммоҳои муосири илмҳои мқиқ дар омода намумни мутахассисони ландихтисоси соҳаи кӯҳию металлургии кишвар» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» соли 2023 с. 338-340

[24-М]. *Норбобоев М.О.* Инновационные методы подготовки студентов [Матн] /М.О. Норбобоев, Х.М. Шамсидинов Ҷ.А.Шерматов// маводҳои конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ «муаммоҳои муосири илмҳои дақиқ дар омода намумни мутахассисони баландихтисоси соҳаи кӯҳию металлургии кишвар» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» соли 2023 с. 248-250

[25-М]. *Норбобоев М.О.* Истифодаи воситаҳои техникии омӯзишӣ дар машғулияти санъати тасвирӣ [Матн] /М.О. Норбобоев// *Маводи конференсияи* илмӣ –амалии минтақавӣ таҳти унвони «муаммо ҳои муосири педагогӣ - психологии кӯдакони синни томактабӣ ва роҳҳои такмили он дар ҷараёни таълиму тарбия » Хуҷанд соли 2023 с.188-192

[26-М]. *Норбобоев М.О.* Истифодаи технологияи рақамӣ дар раванди таълим [Матн] /М.О. Норбобоев, Ҷ.А.Шерматов// *Маводи конференсияи* илмӣ амалии минтақавӣ таҳти унвони «иқтисодиёти рақамӣ-асоси ташаккули рушди саноатикунонии босуръати кишвар», бахшида ба

ҳадафи чоруми миллӣ- “Саноатикунонии босуръати мамлакат” Конфронси илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ, Бӯстон соли 2023, 215-218 с.

[27-М]. *Норбобоев М.О.* Технологияҳои рақамӣ ва раванди таҳсилот дар мактабҳои олӣ [Матн] /М.О. Норбобоев, Л.Б.Норбобоев// «Ҷанбаҳои молиявию иқтисодии тараққиёти сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон» Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ аз 6-7 декабри соли 2023 с.361-365

[28-М]. *Норбобоев М.О.* Особенности методики преподавания информационных технологий в 7-х классах средних общеобразовательных учреждений согдийскойобласти [Текст] /М.О. Норбобоев// Илғор хорижий тажрибалар асосида бўлажак ўқитувчиларда касбий компетенсияларни ривожлантиришнинг педагогик стратегиялари: муаммолар ва ечимлар” мавзусидаги республика илмий-амалий конференсияси материаллар тўплами. 2024-йил 20-феврал. – Т.: Тошкент, 2024. с. 281-283

[29-М]. *Норбобоев М.О.* Международное сотрудничество в современном контексте подготовки будущих программистов [Текст] /М.О. Норбобоев// Педагогик жиҳатдан кўп қиррали халқаро муносабатларнинг жадал ривожланиши мавзусидаги халқаро илмий-амалий конференсияси материаллар тўплами. 2024-йил 18-июн. – Т.: Тошкент, 2024. с. 632-634

[30-М]. *Норбобоев М.О.* Хусусиятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар синфҳои 7-ум [Матн] /М.О. Норбобоев// «Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. Хуҷанд 2024 с.94-96

Рисолаи Норбобоев Маъруфҷон Олимович «Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилотиӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд» ба ҳимояи такрори барои дарёфти дараҷаи илмии номзади, илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимояи такрори пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими математика

ва технологияи иттилоотии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд 1 доктори илм, 7 нафар дотсентон, 3 нафар номзади илм, 2 нафар муаллими калон ва 5 нафар муаллим.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» - 18 нафар

«зид» - нест

«бетараф» - нест

Қарор дар суратҷаласаи №4 аз 28 ноябр соли 2025 сабт гардидааст.

Раиси ҷаласа
д.и.ф.-м., профессор — Қ. Тухлиев

Мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ, дотсент — Ҷ.А.Абдулакимова

Дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ — А.У.Очилов

Дотсенти кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ — С.Ҷ. Раҷабзода

Котиби ҷаласа: — П.Н. Орипова

Сардори РК ва КМ МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — З. Сайдуллозода